# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар замони муосир омӯзиши паҳлуҳои гуногуни забон дар муқоиса бо дигар забонҳои рӯйи дунё аҳаммияти илмию амалӣ дошта, яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад, зеро мероси адабию фарҳангии миллат маҳз тавассути забон дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ карда мешавад. Тарҷумаи бадеӣ яке аз шаклҳои фаъолияти байни фарҳангу миллатҳост. Фарҳангу тамаддун ва осори илмию адабии миллат барои муаррифӣ шудан ба фаъолияти тарҷумонӣ вобаста аст. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ як қатор хусусиятҳое вуҷуд доранд, ки байни онҳо фарқ мегузорад. Маҳз дар тарҷума ин хусусиятҳо барои мукаммалшавии матни тарҷумавӣ таъсири манфӣ расонида, барои возеҳ нишон додани муҳтавои матни асл ва дарки мантиқии матн мушкилоти луғавӣ ва дастурӣ ба вуҷуд меоранд. Муайян намудани омилҳои фарқкунандаи байни матни асл ва тарҷумашуда яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад, ки бо илми тарҷумашиносӣ алоқамандии зич дорад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур ба мақсад мувофиқ аст, зеро мушкилоти тарҷума дар асари бадеӣ ва тағйироти наҳвӣ ҳангоми тарҷума дар доираи асари бадеӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мебошанд.

Кори диссертатсионии Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос бо шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар диссертатсия масъалаи тағйироти наҳвӣ дар ҷумлаи матни тарҷумавии асари бадеӣ, анъанаҳои корбурди он

дар забони муосири англисӣ ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, вале муайян намудани дараҷаи номувофиқатӣ дар сохтор ва мазмуни ҷумла дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ва таҳлили он дар раванди тарҷума дар доираи асари мушаххас бори аввал сурат мегирад.

Дар доираи мавзуи мазкур шумораи назаррраси пажуҳишҳои илмӣ оид ба тағйироти наҳвӣ дар ҷумла дар забонҳои дигар ба анҷом расонида шудаанд. Дар диссертатсияи мазкур дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари бадеӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шудааст, ки дар солҳои охир чунин таҳқиқотҳо кам ба назар мерасанд. Сохтори ҷумла дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дорои воситаҳои гуногун ва махсуси тарҷума мебошад, ки ин яке аз вижагиҳои асосии мавзуи диссертатсияи мазкур ба ҳисоб меравад.

Пажуҳиши мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти муқоисавӣ ва тарҷума дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, дар асоси тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Эрнест Ҳемингвей бахшида шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ аз мубрам будани мавзуъ дарак медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Мустафоева М.Р. оид ба тағйироти наҳвии ҷумла дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей аз англисӣ ба тоҷикӣ) ҳанӯз мавриди пажуҳиши илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи мазкур нахустин кӯшиш дар мавриди таҳқиқи вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ ва сарфӣ дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад, ки диққати муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносиро ба худ ҷалб намудааст.

Дар диссертатсия бори аввал хусусиятҳои сарфӣ ва наҳвии ҷумлаҳои асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей ва таҳвили онҳо ҳангоми интиқол ба забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Натиҷаҳои таҳқиқ тафовут ва умумиятҳои ҷойдоштаро дар таркиби ҷумлаҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян месозад, ки дар заминаи мутобиқсозии матни асл ба меъёрҳои забони тарҷума ба вуҷуд омадаанд. Дар пажуҳиши мазкур роҳу усулҳои татбиқи таҳвилоти тарҷумавӣ ва, дар ин замина, ташаккули шакли муназзами ҷумлаи матни тарҷумавӣ мавриди таҳқиқи махсус қарор дода шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи** таҳқиқот ҷамъи ақидаю натиҷаҳои диссертантро оид ба ҷамъбасти диссертатсия ишғол намуда, бо панҷ банд асоснок карда шудаанд, ки ҷолиби диққат аст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаи диссертатсия дар 26 банди мукаммал оварда шуда, ба сифати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 7 таклиф манзур гардидааст. Метавон иброз намуд, ки муаллифи диссертатсия бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, ба дараҷаи илмии дархостшаванда муносиб мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 168 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад ва рӯйхати адабиёт 168 номгӯйро фаро мегирад.

Боби якуми диссертатсия, ки "Тарҷумаи бадеӣ ва хусусиятҳои он" унвон дорад, аз 3 фасл иборат мебошад. Муаллиф дар ин боб масъалаҳои тарҷума ва фаъолияти тарҷумониро дар шароити муосир баррасӣ намуда, қайд нпамудааст, ки тарҷума дар меҳвари ҷомеаи мутамаддин мавқеи густардаеро соҳиб гашта истодааст. Роҷеъ ба ин масъала, имрӯзҳо корҳои таҳқиқотии зиёде анҷом ёфта, паҳлӯҳои гуногуни он дар муқоиса бо дигар забонҳо ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд, зеро тарҷума равандест, ки бевосита байни ду забон сурат мегирад ва дар ин раванд як қатор мушкилиҳои хос ба миён меоянд.

Боби дуюми диссертатсия "Заминаҳои забоншиносии таҳвилҳои наҳвӣ дар тарҷумаи бадеӣ" унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар зербоби якум таҳвилоти тарҷумавӣ, хусусан, наҳвӣ дар асоси фикру ақидаҳои забоншиносон баррасӣ гардидааст. Дар зербоби дуюм таҳқиқи масъалаи тартиби калима дар забони англисӣ ва тағйири он дар тарҷума ба забони тоҷик равона шудааст ва зербоби сеюм ба таҳвили сарфӣ ва навъҳои он дар тарҷума аз забони англисӣ ба забонӣ тоҷикӣ бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони "Хусусиятҳои типологии ҷумла дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ (дар мисоли асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей)" се фаслро дар бар гирифта, дар он вижагиҳои типологии ҷумла ва таҳвилоти наҳвӣ ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, вижагиҳои ҷумлаҳои англисӣ ва тоҷикӣ, навъҳои ҷумлаи сода ва хусусиятҳои хоси он дар матни бадеии тарҷумавӣ, ҷумлаҳои мураккаби англисӣ ва роҳҳои интиқоли он дар забони англисӣ

ва масъалаи таҳвилоти наҳвӣ ва роҳҳои корбурди он дар тарҷумаи бадеӣ матраҳ шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои илмии аз диссертатсия бадастомада дар илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ метавонанд ҳамчун роҳнамои илмӣ хизмат намоянд. Истифодаи методология ва методикаи мушаххаси муқоисаи низоми наҳвӣ ҳангоми тарҷумаи асарҳои бадеӣ дар доираи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳангоми омӯзиши фанни забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонанд истифода шаванд. Маводи илмӣ ва 11 натиҷаҳои таҳқиқ ба бартараф намудани мушкилоти сарфию наҳвӣ дар раванди тарҷума аз як забон ба забони дигар ва, ҳамзамон, ба рушди таҳқиқоти минбаъда дар самти забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои диссертатсия ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои назариявию амалӣ доир ба тарҷумашиносӣ, тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои илмӣ оид ба тарҷума ва тарҷумашиносӣ, инчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ метавонанд корбурд шаванд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифӣ манзур гардидаанд.

Хулосаҳою тавсияҳои Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна касбӣ буда, баёнгари мундариҷаи диссертатсия ҳастанд ва бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд.

Яке аз махсусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки довталаб Мустафоева М.Р. тавонистааст оид ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд орад, онҳоро зери суол ва шубҳа кашад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд. Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нашудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд.

Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Баррасӣ ва собитсозии асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия аз лиҳози илмӣ ва амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, дар диссертатсия як қатор камбудиҳо мушоҳида гардиданд, ки ислоҳашон ба манфиат дониста мешавад:

1. Диссертант зимни таҳияи диссертатсия маводи зиёдеро истифода намуда, оид ба масъалаҳои мухталифи вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар мисоли матни бадеии тарҷумавӣ маълумот додааст. Хуб мешуд, ки оид ба мавҷудияти гунаи корҳо дар мисоли асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» бо дигар забонҳо маълумот пешкаш мекард;

2. Дар баъзе ҷумлаҳо тарҷумаҳо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ дақиқ нестанд, масалан дар саҳифаи 67-и диссертатсия (“Light brisa,” he said. “Better weather for me than for you, fish”. Тарҷума: – Базудӣ насими сабук мевазад, – гуфт ӯ. – Вай барои ман хубтар аст, то барои ту, моҳӣ!). Диссертант дар вакти таҳлили чунин тарҷумаҳо бояд фикри худро баён мекард, ки тарҷума длуруст аст ё не.

3. Агар диссертант дар қисмати боби якум оид ба саҳми олимону муҳаққиқони тоҷик дар тарҷумаи осори бадеӣ маълумот пешкаш мекард, қиммати рисола боз баланд мегардид;

4. Агар муаллиф зимни омӯзиши тарҷрибаи ҷаҳонӣ доир ба тарҷумаи осори бадеӣ ва накши тарҷумаи шоҳасарҳои ҷаҳонӣ дар рушди тамаддуни инсонӣ маълумоти иловагӣ меовард, хуб мешуд;

5. Аз матни автореферати диссертатсия баъзе мисолҳои тарҷумашударо аз сарчашмаи таҳқиқ ба пуррагӣ муайян кардан душвор аст, ки то кадом андоза корбурд карда шудаанд;

6. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати корро беҳтар мегардонад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей)» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи умумидонишгоҳии забони
англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Асадова М.Р.**

15.05.2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Сино, 41, ҳ. 91.
Тел.: 93-523-06-78
Email: mohasadova@tnu.tj

Имзои Асадова М.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**

13.05.25

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 17.
Тел.: (+992-37) 221-30-13
Email: info@tnu.tj